«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.____________________
«_06_»_____04_________ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Абдусамадзода Сорбон Мақсад унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Абдусамадзода Сорбон Мақсад соли 2016 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2020 хатм намуда, соли 2016 ба зинаи магистратураи шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2020 хатм намудааст. Аз соли 2020 дар асоси рохат ба ҳайси мутахассиси Вазорати адляи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор оғоз намуда, айни ҳол дар вазифаи сардори шуъбаи қонунгузории Сараёсати қонунгузории Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Аз 1 сентябри соли 2026 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти омӯзгорӣ менамояд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20.11.2024, №464-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқушиносии ДМТ қабул гардидааст.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 15-уми январи соли 2025, суратмаҷлиси №6 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Сангинзода Д.Ш. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба илм ва таълим, ҳамзамон профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 3 апрели соли 2026, № 84 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **4 апрели соли 2026, суратмаҷлиси №10** муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзӯи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Таҳқиқи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» барои солҳои 2021-2025 анҷом дода шудааст.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, дар 8 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Ин таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳиро ба роҳ мемонанд (Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлия Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва барои субъектҳои хоҷагидори соҳаи сайёҳӣ арзиши илмӣ ва амалӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ (аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» ва Кодекси мадании ҶТ), инчунин дар амалияи судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии баҳсҳо дар соҳаи сайёҳӣ истифода шаванд.

Илова бар ин, муқаррароти диссертатсия ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва ҳуқуқи сайёҳӣ хизмат карда, дар раванди таълимии факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ҳангоми

тадриси фанҳои «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва «Ҳуқуқи сайёҳӣ» истифода мешаванд, ки бо санадҳои дахлдори донишгоҳ тасдиқ гардидааст.

5. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори анҷомёфта буда, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Навгонии кор** аз он иборат аст, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард мавзуи омӯзиши муфассали монографӣ набуданд, Масалан

1. Ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ шахси ҳуқуқиест, ки мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории давлат ба қайд гирифта шуда, бо мақсади ба даст овардани фоида ба хидматрасонии сайёҳӣ (таҳия додан, таблиғ ва амалӣ гардонидани он) машғул аст ва фаъолияташ дорои хусусияти тиҷоративу иҷтимоӣ аст. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ — категорияи ҳуқуқӣ ва илмӣ буда, ширкати сайёҳӣ (фирмаи сайёҳӣ) — номи оммавӣ ва соҳавӣ аст. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ мафҳуми васеътар ва ҳуқуқӣ аст, дар ҳоле ки ширкати сайёҳӣ бештар номи тиҷоратӣ ва соҳавӣ мебошад.

Дар тафовут аз дигар ташкилоти тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

– Объекти асосии фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ташаккул, пешбурд ва таъмини хизматрасонии сайёҳӣ мебошад.

– Фаъолияти ин дорои ыанбаи тиыорать ва ыытимоь аст, яъне на танҳо ба мақсади ба даст овардани фоида равона шудааст, балки ҳатман ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии сайёҳон равона гардидааст.

–Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ масъулияти ҳамоҳангсозии якчанд соҳаҳо (савдо, нақлиёт, алоқа, энергетика, кишоварзӣ, фарҳанг, тиб ва ғайраро )-ро ба зимма дорад, ки хавфҳои иловагӣ дар ҷараёни фаъолият пайдо мешаванд.

– Амали ин субъект бевосита ба истифодаи сарватҳои табиӣ, фароғатӣ (рекреатсионӣ), фарҳангӣ ва таърихии кишвар пайваста буда, нисбат ба он талаботҳои махсуси давлатӣ оид ба бехатарии сайёҳон, ҳифзи муҳити зист, сертификатсия ва назорати қатъӣ мавҷуданд.

2. Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ маҷмӯи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои онҳо мебошад, ки ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи онро муайян менамояд. Вазъияти мазкур аз се унсури асосӣ ва муҳим ташкил ёфтааст: ҳуқуқҳои умумӣ ва хоссаи соҳибкорӣ, ӯҳдадориҳои умумӣ ва хоссаи соҳавӣ, инчунин ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳое, ки ба пуштибонии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои сайёҳон вобаста мебошанд.

Ҳуқуқҳои асосии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба се гурӯҳи мустақил тақсим мешаванд: ҳуқуқҳои умумӣ (ҳуқуқҳои стандартӣ дар соҳаи соҳибкорӣ) –амалӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ, доштани молу мулк, ҷалби сармоягузорӣ, озодии бастани шартнома ва дигар ҳуқуқҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ; ҳуқуқҳои махсуси соҳавӣ – муайян сохтани самтҳои сайёҳӣ, ба имзо расонидани шартномаҳо бо меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва дигар пешниҳодкунандагони хидмат, ба фурӯш баровардани маҳсулоти сайёҳӣ, истифода бурдани захираҳои маконҳои диданӣ ва ҷолиби сайёҳӣ; ҳуқуқҳо марбут ба пуштибонии давлатӣ – истифодаи имтиёзҳои андозӣ, дарёфти грантҳо, иштирок дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ, ташкили кластерҳои сайёҳӣ ва дигар воситаҳои пуштибонии давлатӣ.

Уҳдадориҳои асосии инсубъектон дар бахши сайёҳӣ низ ба се гурӯҳи алоҳида ҷудо карда мешаванд:

- умумӣ (стандартҳои соҳибкорӣ): риоя кардани қонунҳои маданӣ, соҳибкорӣ, андозӣ, меҳнатӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар ӯҳдадориҳои умумии соҳибкорӣ;

- махсуси соҳавӣ: таъмин намудани сифати баланд ва аълои хидматҳои сайёҳӣ, таъмини бехатарии ҷони ва молу мулки сайёҳон, пешниҳоди иттилооти дақиқ ва пурра, риоя намудани стандартҳои соҳавӣ;

- марбут ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон: ҷуброн намудани зиёни моддӣ ва маънавӣ, пешниҳоди маълумоти воқеӣ ва дуруст, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хидматҳои сайёҳӣ, масъулият доштан дар ҳолатҳои форс-мажор ва риояи қатъии қоидаҳои бехатарӣ.

3. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун намуди хос ва махсуси шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ шинохта мешавад ва соҳиби хусусиятҳои мураккаб ва ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ мебошад, ки онро метавон ҳамчун шартномаи омехтаи ҳуқуқӣ тавсиф кард. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ аз шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ дар шакли оддӣ ва маъмулӣ ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад, зеро он на фақат пешниҳоди хизматҳои алоҳида, балки ташкили пурраи тамоми сафар, тарҳрезии мукаммали сайёҳат, таъмини амният ва дигар унсурҳои вобастаи онро дар бар мегирад.

Вижагии асосӣ ва фарққкунандаи ин шартнома аз дигар шартномаҳои хидматрасонии музднок дар чунин ҷанбаҳо равшан ба назар мерасад: он як шартномаи омехта ба ҳисоб меравад, ки дар худ ҷузъҳои якчанд намуди шартномаро (нақлиётӣ, меҳмонхонагӣ, таъмини ғизо ва ғайра) муттаҳид месозад; мавзӯи он на танҳо иҷрои як хидмати ҷудогона, балки ташкили пурра ва ҳамаҷонибаи сафари сайёҳӣ (ташкил, роҳандозӣ, ҷойгиршавӣ, ғизо, роҳнамоӣ, таъмини амният ва суғурта) мебошад; он паҳлуи иҷтимоӣ дошта, масъулияти хеле баланди ҷониби иҷрокунандаро нисбат ба бехатарии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва молиявии сайёҳ (муҳофизат аз хатарҳои табиӣ, сироятӣ, ҳуқуқӣ ва террористӣ) муқаррар менамояд.

4. Дар бахши сайёҳӣ, туроператор (танзимгари сайёҳӣ) ва турагент (агенти сайёҳӣ) ҳамчун ду субъекти комилан мустақили фаъолияти сайёҳӣ бо тақсимоти дақиқ, возеҳ ва равшани вазифаҳо, масъулиятҳо ва вазъи ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Танзимгари сайёҳӣ шахси ҳуқуқӣ аст, ки фаъолияти асосии он ташаккул, пешбурд ва таъмин намудани хизматрасонии сайёҳӣ (бастаи сайёҳӣ) мебошад. Агентии сайёҳӣ миёнарав (агент) аст, ки рохати тайёрнамудаи танзимгари сайёҳиро пешбурд ва таъмин менамояд (амалӣ мекунад). Танзимгари сайёҳӣ масъулияти баланд ва кафолатҳои молиявӣ дорад, бастаи нав эҷод мекунад ва бо провайдерҳо шартномаҳои мустақим мебандад. Агентии сайёҳӣ бештар миёнарави тиҷоратӣ буда, аз комиссия фоида мегирад ва масъулияти пурраи бастаро ба уҳда намегирад. Ин гурӯҳбандӣ имкон медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои сайёҳон таҳким ёбад ва масъулиятҳо возеҳ тақсим шаванд. Танзимгари сайёҳӣ дар назди сайёҳ барои сифат ва бехатарии тамоми маҷмӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷавобгар мебошад, дар ҳоле ки агентии сайёҳӣ асосан барои маълумоти дурусте, ки ба сайёҳ медиҳад, ҷавобгар мебошад.

Нуктаҳо дар шакли пешниҳодҳои амалӣ иборатанд аз: қабули таҳрири нави Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ»; ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти танзимгари сайёҳӣ; таҳия ва қабули стандартҳои миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ; танзими муфассали шартномаи хизматрасонии музднокӣ сайёҳӣ дар шакли намунаи ҳатмӣ; табдил додани Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ; таҳияи барномаҳои ташвиқотии сайёҳии дохилӣ.

Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад. Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзӯъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Абдусамадзода С. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар кишварҳои хориҷӣ [Матн] / С. Абдусамадзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – № 1 (57). – С. 189-194. – ISSN 2410-2903.

[2–М]. Абдусамадзода, С. Ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С. Абдусамадзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. –№2 (54). –137-141. – ISSN 2305–0535.

[3–М]. Абдусамадзода С. Ҳуқуқ ва уҳдадории ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ [Матн] / С. Абдусамадзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 2 (38). –244-250. – ISSN 2414 9217.

[4–М]. Абдусамадзода С., Латипова С. Танзими ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / С. Абдусамадзода, С. Латипова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – №3 (19). –99-102. – ISSN 2710-4672.

[5–М]. Сангинзода Д.Ш., Абдусамадзода С. Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинзода, С. Абдусамадзода // Қонунгузорӣ. – 2026. – № 1 (61). – С. 189-194. – ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6–М]. Абдусамадзода С. Ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва соҳибкорӣ [Матн] / Абдусамадзода С.// Мушкилоти муосири муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назарияий ва амалӣ: маводи конференсияи илми-амалии ҷумхуриявӣ (13-уми марти соли 2026) // Зери таҳрири доктори илмҳи хуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Полиграфияи «Ватан Принт», 2026. – С. 211-220.

[7–М]. Абдусамадзода С. Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии пулакии сайёҳӣ [Матн] / Абдусамадзода С.// Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба “35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе, 2026. – С. 170 – 177.

[8–М]. Латипова, С., Абдусамадзода, С. Танзими ҳифзи маълумоти шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / С., Латипова, Абдусамадзода С.// Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи хуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Насуриён .А., д.и.ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. –С.368-371.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи мадании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: 21 нафар, аз ҷумла, 3 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 9 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар муаллими калон, 6 нафар ассистентон, 1 нафар лаборанти кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 21 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. **Суратмаҷлиси №10** аз 4-уми апрели соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатмандзода Э.Д.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

Имзои Давлатмандзода Э.Д. ва Маҷидова Р.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«04» 04 соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj